**Маълумотномаи**

**асоснокkунӣ ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**«Дар бораи арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ»**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ” дар заминаи Қонуни намунавии ЮНСИТРАЛ “Дар бораи арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ” ва бо мақсади иҷрои банди 1 Нақшаи кории шуъбаи қонунгузорӣ оид ба сохтори давлатӣ, мақомоти судӣ ва ҳифзи ҳуқуқи Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2023, ки аз ҷониби директори Марказ 30 декабри соли 2022 тасдиқ шудааст, таҳия гардид.

Боиси зикр аст, ки Қонуни намунавии ЮНСИТРАЛ “Дар бораи арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ” (минбаъд - Қонуни намунавӣ) аз тарафи Комиссияи Созмони Милали Муттаҳид оид ба ҳуқуқи байналмилалии тиҷоратӣ (ЮНСИТРАЛ) 21-уми июни соли 1985 қабул шудааст. Ассамблеяи генералии СММ дар Эъломияи 40/72 аз 11-уми декабри соли 1985 тавсия дод, ки “ҳамаи давлатҳо ба таври ҳатмӣ бояд Қонуни намунавӣ дар бораи арбитражи байналмилалии тиҷоратиро ба назар гиранд”, яъне хоҳиши ягона намудани расмиёти арбитраж ва талаботи мушаххаси таҷрибаи арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ дар назар дошта шудааст.

Дар иҷлосияи 39 Комиссия 7-уми июли соли 2006 ЮНСИТРАЛ ба Қонуни намунавӣ тағйирот ворид гардид. Ассамблеяи генералӣ дар Эъломияи 61/33 аз 4-уми декабри соли 2006 тавсия дод, ки “ҳамаи давлатҳо ба таври мусоид имконияти қабули моддаҳои аз нав дида баромадашудаи Қонуни намунавӣ дар бораи арбитражи байналмилалии тиҷоратиро ҳангоми қабул ё таҷдиди қонунгузории худ баррасӣ намоянд”.

Баъди қабули Қонуни намунавӣ дар самти ҳуқуқи байналмилалии арбитражӣ, талаботи қонунгузории байналмилалӣ эътироф ва дар асоси он бештар аз 70 давлати ҷаҳон қонунгузории дахлдорро дар ин самт қабул намуданд.

Аз ҷумла, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 18 марти соли 2015 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ” қабул

гардида, моҳи августи ҳамон сол дар назди Палатаи савдо ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ таъсис дода шуд.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ” чанд соли охир мавриди таҳлил ва такмил қарор дошта, дар асоси сархати сеюми банди 6 Низомномаи Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 ноябри соли 2014, №288 тасдиқ шудааст, дар таҳрири нав омода гардидааст. Ҳамзамон, мавриди тазаккур аст, ки лоиҳа дар асоси розигии Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 августи соли 2023, №27377(17) дар доираи гурӯҳи кории байниидоравӣ баррасӣ гардида, бо дарназардошти таклифу пешниҳоди вазорату идораҳои дахлдор такмил дода шуд.

Лоиҳаи мазкур аз муқаддима, 9 боб ва 42 модда иборат буда, муносибатҳоеро, ки ба фаъолияти суди арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ алоқаманданд, инчунин тартиб, шартҳои эътироф ва иҷрои ҳалномаҳои онҳоро дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон танзим менамояд.

Дар мавриди таҳияи лоиҳа тибқи муқаррароти бандҳои 13, 14 ва 15 Тартиби гузаронидани экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқии хусусияти умумиҳатмидоштаи вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 июли соли 2014, №355 тасдиқ шудааст, ба пуррагӣ риоя карда шуда, дар он омилҳои бавуҷудоварандаи коррупсия ва хавфҳои он мавҷуд намебошад.

Лоиҳа фарогири таҳлили таъсири танзимкунӣ намебошад.

Лоиҳаи мазкур ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мухолифат надошта, амалӣ намуданӣ он аз буҷети давлатӣ хароҷоти иловагиро талаб намекунад.

**Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**